# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Ҷамоат бо душворӣ рӯ ба рӯ мешавад

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Панҷоҳ рӯз баъд аз он ки Писари Худо, Исо аз мурдагон зинда шуд, Рӯҳулқудс барои зиндагӣ кардан ба вуҷуди пайравони Ӯ даромад. Ҳарчанд шогирдон намефаҳмиданд, ки чӣ хел Худо Падар, Худо Писар, (яъне Исо) ва Худо Рӯҳулқудс метавонанд ҳамаашон як Худо бошанд, онҳо шод буданд, ки Худо бо онҳост. Худо муъҷизаҳои аҷиб мекард, то ба фиристодагон ёрӣ диҳад, ки ба дигарон дар бораи Исо нақл кунанд.



Одамоне ки ба Исо имон доштанд, ҳар чӣ ки доштанд, тақсим мекарданд, то ба камбағалон ғамхорӣ кунанд.  Вале як зану шавҳар ки Ҳанониё ва Сафира ном доштанд, фиребгар буданд. Онҳо заминашонро фурӯхта, вонамуд карданд, ки гӯё ҳамаи пулро ба фиристодагон доданд.  Аммо пинҳонӣ як қисми пулро барои худ нигоҳ доштанд.



Петрус ба Ҳанониё гуфт: “Чаро шайтонро ба дилат роҳ дода, ба Рӯҳулқудс дурӯғ гуфтӣ? Ту на ба одамон, балки ба Худо дурӯғ гуфтӣ”. Сипас Ҳанониё ба замин афтоду ҷон дод. Ҷавонмардон ҷасадашро печониданд ва бурда гӯр карданд.



Каме пас Сафира омад, ки марги шавҳарашро намедонист.  Зан низ дар бораи пул дурӯғ гуфт ва бо ӯ ҳам чунин ҳодиса рӯй дод.  Онҳое ки ин воқеаро шуниданд, сахт тарсиданд.



Худо Рӯҳулқудс ба воситаи фиристодагон бисёр аломату муъҷизаҳо нишон медод.  Масалан, вақте ки сояи Петрус бар одамони бемор меафтод, онҳо шифо меёфтанд.



Ин айёми муъҷизаҳои бузург буд, ки ҳузури Худоро нишон медод.  Одамон торафт бештар ба Исо имон меоварданд.  Ин саркоҳинро ба ғазаб овард.



Вай маҷбур шуд, ки фиристодагонро ба зиндон андозад.



Аммо фариштаи Худованд шабона дарҳои зиндонро кушод ва онҳоро берун оварда гуфт: “Ба маъбад рафта паёми ин ҳаётро ба одамон нақл кунед”. Фиристодагон баромада, дар бораи Исо нақл кардан гирифтанд. Саҳар одамони саркоҳин зиндонро холӣ ёфтанд.

Вақте ки ниҳоят фиристодагонро ёфтанд, саркоҳин онҳоро ҷанг кард: “Оё мо аниқ ба шумо фармон надода будем, ки бо ин Ном таълим надиҳед?” Петрусу фиристодагони дигар ҷавоб доданд: “Мо на ба одамон, балки бояд ба Худо итоат кунем”. Саркоҳин сахт ба хашм омада, фиристодагонро куштан хост. Вале фармон дод, ки онҳоро латукӯб карда, сар диҳанд.



Новобаста аз дардҳояшон, фиристодагон ба Худо итоат намуда, дар бораи Исо нақл карданро давом медоданд.



Рӯзе марде бо номи Истефанус дастгир шуд. Ӯ Худованд Исоро дӯст медошт. Рӯҳулқудс вайро истифода мебурд, то дар бораи Исо ба дигарон нақл кунад. Боре як мард дурӯғ гуфт, ки Истефанус бар зидди Худо гап мезанад. Баъди мурофиаи сохта, Истефанус ба хотири имонаш ба Исо, то мурдан сангсор шуд.



Пеш аз мурданаш Истефанус пур аз Рӯҳулқудс шуда, ба осмон нигариста, бузургии Худоро дид. Инчунин дид, ки Исо аз тарафи дасти рости Худо нишастааст. Тӯдаи одамон Истефанусро сангборон намуданд, дар ҳоле ки вай ба Худо муроҷиат намуда мегуфт:



“Эй Худованд Исо, рӯҳи маро қабул кун”. Сипас ин марди далер ба монанди Исо дар салиб, нафаси охиринашро истифода бурда, дуо кард, ки Худо қотилони вайро бахшад.



Марги Истефанус мавҷи нави таъқиботро ба миён овард.  Ҷавонмарде ки Шоул ном дошту ба қотилони Истефанус ёрӣ дода буд, ҳар масеҳиеро ки меёфт, дастгир мекард.  Бисёре аз масеҳиён аз хонаҳояшон гурехта, дар саросари Яҳудову Сомара пароканда шуда буданд.  Танҳо фиристодагон дар Уршалим истоданд.



Ҳарчанд душманонашон онҳоро куштан мехостанд, парокандашудагон ба ҳар ҷо рафта, дар бораи Исо Хушхабарро нақл мекарданд. Пайравони Исоро ҳеҷ чиз аз раҳ намедошт, зеро Рӯҳулқудси Худо дар вуҷудашон зиндагӣ карда, ба воситаи онҳо амал мекард.



Ҷамоат бо душворӣ рӯ ба рӯ мешавад

Ҳикоя аз Каломи Худо

Амалҳои Расулон 5-7

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16